ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзӯи «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ.

Муҳиммияти мавзуъ. Яке аз масъалаҳои муҳим дар соҳаи чорводории кишвар то ҳол масъалаи фарқгузории аксуламалҳои парааллергӣ аз аксуламалҳои воқеии бодигармӣ ба туберкулин мебошад. Усули асосӣ ва маъмултарини ташхиси барҳаётии бемории сил — санҷиши дохилипӯстии туберкулинӣ — дар ҷумҳурӣ ва берун аз он ҳамчун яке аз роҳҳои муҳим барои мубориза алайҳи сил истифода мегардад. Бо вуҷуди ин, дар як қатор ҳолатҳо гузоштани ташхис бо истифода аз ин санҷиш мушкил мегардад. Сабаби асосӣ — ҳассосияти ҳайвонот ба микобактерияҳои атипикӣ аст, ки метавонад ба зоҳиршавии аксуламалҳои қалбакӣ оварда расонад. Дар чунин шароит, дар подаҳои ба бемории сил мусоид саршумори зиёди ҳайвонот метавонад нисбат ба туберкулин аксуламал нишон диҳад.

Дар солҳои охир ҳам дар ҷумҳурӣ ва ҳам дар дигар кишварҳо шумораи ҳайвоноте, ки аксуламалҳои бодигармии ғайрихос (парааллергӣ) ба туберкулин нишон медиҳанд, рӯ ба афзоиш овардааст. Аз ин рӯ, омӯзиши омилҳои ба вуҷудоварандаи ин раванд ва коркарди усулҳои муосири такмилёфтаи тафриқасозии аксуламалҳои хос ва ғайрихос ба туберкулин барои ҳайвоноти ширхӯрон аҳамияти калон дорад.

Дар раванди тадқиқоти илмӣ ва гузаронидани таҷрибаҳо муаллифи рисола ба хулосаҳои зерин омадааст: вояи ташхисии мувофиқи ППД-туберкулин барои ширхӯрон ҳангоми ташхиси сили чорвои калони шохдор 5000 ВБ мебошад; дар хоҷагиҳои носолим аз рӯи бемории сил, истифодаи ППД-туберкулин бо вояи 5000 ВБ ҳамон шумораи ҳайвоноти беморро муайян месозад, ки ҳангоми истифодаи вояи 10000 ВБ ошкор мегарданд; дар хоҷагиҳои солим истифодаи ППД-туберкулин бо вояи 5000 ВБ дар ҳайвоноти солим аксуламали бодигармии ғайрихос ба вуҷуд намеорад; дар хоҷагиҳои солим, ки дар онҳо сенсибилизатсияи ҳайвонот ба микобактерияҳои атипикӣ собит шудааст, истифодаи ППД-туберкулин бо вояи 5000 ВБ нисбат ба 10000 ВБ шумораи камтари аксуламалҳои ғайрихосро ошкор мекунад.

Хулоса, рисолаи номзадии Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич таҳти унвони «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони

шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ба талаботи муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 — Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ мебошад.

Тақриздиҳанда
Муовини сардори Маркази таъминоти,
бехатарии озуқаворӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ
Номзади илмҳои ветеринарӣ Андамов И.Ш.
11.12.с2025

Суроға: 735100, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рӯдакӣ,
Шаҳраки Сомониён, кӯчаи Навоӣ 6.
Tel.: (992) 918-88-16-48;
E-Mail.: iaismoil@inbox.ru

Имзои Андамов И.Ш.- ро тасдиқ мекунам.
Сардори Маркази таъминоти,
бехатарии озуқаворӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ Юсупов И.Т.

Суроға: 735100, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рӯдакӣ,
Шаҳраки Сомониён, кӯчаи Навоӣ 6.
Tel.: (992) 8313721564
E-Mail.: nrudaki@list.ru

11.12.с2025